Душанбе, 734942, Тоҷикистон
кучаи Н.Муҳаммад 6/2, №21
Телефон : (+992) 37 881 26 77
Телефони мобилӣ: (+992) 918 36 00 88
E-mail: info@audit.tj www.audit.tj

Consultant Audit

# ҲИСОБОТИ АУДИТОРИ МУСТАҚИЛ

## БА РОҲБАРИЯТИ ХАЗИНАИ СУҒУРТАИ ПАСАНДОЗҲОИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ

### *Сарсухан*

Мо аудити ҳисоботи молиявии замимашудаи Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеиро (минбаъд дар матн *Хазина*), ки ҳисобот дар бораи вазъи молиявӣ ба ҳолати 31-уми декабри соли 2015 ва ҳисобтҳои марбута дар бораи даромади маҷмӯи, ҳаракати воситаҳои пулӣ ва оиди тағирот дар сармояи худиро дар соле, ки дар санаи нишон додашуда ба анҷом расидаро дар бар мегирад ҳамчунин, тавсифи кӯтоҳи принсипҳои асосии сиёсати муҳосибӣ ва дигар шарҳҳо ба ҳисоботи молиявии мазкурро гузаронидем

### *Масъулияти роҳбарият барои таҳияи ҳисоботи молиявӣ*

Барои таҳияи ҳисоботи молиявии мазкур ва мувофиқати он ба талаботи СБҲМ роҳбарияти Хазина масъул аст. Масъулияти мазкур эҷод, ҷорисозӣ ва нигаҳдории низоми дохилии назоратро аз болои таҳия ва пешниҳоди боэътимоди ҳисоботи молиявие, ки таҳрифҳои муҳимро на бар асари сӯистифодаҳои молиявӣ ва на бар асари хатоҳои содиршуда дар худ надоранд; интихоб ва истифодаи сиёсати баҳисобгирии лозимӣ ва ҳамчунон истифодаи арзёбиҳои муҳосибавии бар вазъиятҳо асосёфтаро дар бар мегирад.

### *Масъулияти аудитор*

Вазифаи мо аз изҳори ақида ҷиҳати дуруст будани ҳисоботи молиявии мазкур дар асоси аудити гузаронидаи мо иборат мебошад. Мо аудитро мутобиқи талаботҳои Стандартҳои байналмилалии аудит гузаронидем. Стандартҳои мазкур аз мо риоя намудани меъёрҳои ахлоқӣ, инчунин банақшагирӣ ва гузаронидани аудитро бо мақсади боварии комил ҳосил намудан дар он хусус, ки ҳисоботи молиявӣ дорои таҳрифҳои ҷиддӣ намебошад талаб менамоянд.

Аудити мазкур дар худ гузаронидани тартиботи заруриро барои ба даст овардани далелҳои аудиторӣ нисбати нишондиҳандаҳои шуморавӣ ва мулоҳизаҳо ба ҳисоботи молиявиро дар бар мегирад. Интихоби тартиботи зарурӣ ба муҳокимарониҳои касбии аудитор, аз ҷумла арзёбии хавфҳои таҳрифҳои муҳими ҳисоботи молиявиро дар натиҷаи сӯистифодаҳои молиявӣ ва хатогиҳои содиршуда асос меёбад. Арзёбии чунин хавфҳо баррасии низоми дохилии назорат аз болои таҳия ва эътимоднокии ҳисоботи молиявиро ба мақсади таҳия намудани тартиботи аудиторӣ, ки дар ҳолаттҳои мазкур истифода мегарданд, вале на ба мақсадҳои ибрози ақида дар хусуси самаранокии низоми назорати дохилиро дар бар мегирад. Инчунин аудити мазкур ҳамчунон тадқиқи принсипҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва муҳимияти арзёбиҳоеро, ки аз ҷониби роҳбарият таҳия карда шудаанд ва ҳамчунин арзёбии пешниҳодкунии умумии ҳисоботи молиявиро дар бар мегирад.

Мо чунин меҳисобем, ки аудити аз ҷониби мо гузаронидашуда асоси кофиро барои иброз намудани ақидаи мо доро мебошад.

### *Ақидаи аудитор*

Ба ақидаи мо, ҳисоботи молиявии пешниҳодгардида аз рӯи тамоми ҷанбаҳои аслӣ ба таври эътимоднок вазъи молиявии *Хазинаро* ба санаи 31-уми декабри соли 2015 ва ҳамчунин натиҷаҳои молиявии он ва гардиши воситаҳои пулиро барои соле, ки дар таърихи зикргардида ба охир расидааст дар мутобиқат бо стандартҳои Байналмилалии ҳисоботи молиявӣ дуруст инъикос менамоянд.

*ш. Душанбе, 15 январи соли 2016*

Дустов Сафарбек Савриддинович

________________

Директори

ҶДММ «Консултант Аудит»